# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

735140, ш. Душанбе, кӯч. Шевченко, 39, тел: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94, www.vak.tj

аз “ 7 ” январи соли 2022 № 1/шд ш. Душанбе

Оид ба қатъ намудани фаъолияти шӯрои диссертатсионӣ

Мутобиқи Низомномаи муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармоиши Президенти Ҷумҳурии 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 7 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267)

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар дар назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино таъсис ёфтани шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-008 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори доктори фалсафа (PhD)-доктор доир ба ихтисоси 6D110100-Тиб (6D110104-Бемориҳои дарунӣ,6D110108-Тибби атфол, 6D110110-Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ) ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-Бемориҳои дарунӣ,14.01.08-Тибби атфол,14.01.10-Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ, фаъолияти шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-038 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори доктори фалсафа (PhD)-доктор доир ба ихтисоси 6D110100-Тиб ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-Бемориҳои дарунӣ, 14.01.08-Тибби атфол, 14.01.11-Бемориҳои асаб дар назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино қатъ карда шавад.
2. Ҳимояи диссертатсияҳои дар баррасии шӯрои диссертатсионии қабли қарордошта тибқи муқаррарот дар шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-008 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба роҳ монда шавад.
3.Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Комиссия) ҷойгир карда шавад.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: гузориши шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2021. протоколи №10.

Раис А.Розиқзода